**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН**
**МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ РЕСПУБЛИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ VII

**Тошканд 2017**

## Мактуби эзоҳӣ

Дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна мазмуни донишҳои аз забони модарӣ омӯзонидашаванда мавофиқи нақшаи таълимӣ доир ба намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикӣ, тағйирёбии калимаҳо ва дар ҷумлаҳо ба ҳам пайваст шудани калимаҳо, таркиби калима, тартиб додани ҷумла, қоидаҳои беғалат навиштан ва дуруст гузоштани аломатҳои китобиро дар бар мегирад. Инчунин, аз синфи ибтидоӣ сар карда омӯзиш дар доираи Ташкилоти тараққиёт ва ҳамкориҳои иқтисодӣ (англисӣ–Оқganisation foқ Economic Coopeқation and Development (OECD)), Барномаи байналмилалии баҳогузории донишомӯзон (англисӣ–Рқogқamme foқ Inteқnational Stғdent Assessment, PISA) ва мониторинги байналмилалии сифати таълими математика ва фанҳои табиӣ дар мактаб, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии баҳогузории комёбиҳои таълим (англисӣ–Тқends in Mathematics and Science Stғdy,TIMSS) ташкил ёфтааст, барои инкишофи саводомӯзии шогирдон дорои аҳамияти муҳим аст.

Мақсади асосии омӯзонидани забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I - IV) ба камол расонидани шахси фикри худро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст ва равон баёнкунанда, мустақил ва эҷодкорона фикркунанда, фикри дигаронро дарккунанда, маданияти нутқ ва мулоқотро донанда мебошад.

Вазифаи асосии таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ: доштани фикри шахсии донишомӯз, дарк намудани фикри дигарон, инкишоф додани босаводона баён намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ба донишомӯзон дониши доир ба грамматика (доир ба мафҳуми фонетика, лексикология, таркиби калима, сохти калима, морфология, синтаксис, имлои навишт, аломатҳои китобӣ, услубҳои нутқ)-ро инкишоф додан ва аз доираи васеъи забони модарӣ истифода бурда, равон, бехато фикри худро баён намуданро омӯзонидан.

Дар таълими ибтидоӣ – барои таъмини саводомӯзии донишомӯзон, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо ба меъёрҳои адабии нутқ риоя кардан омӯзонида мешавад.

Даври саводхонӣ аз ибтидои моҳи сентябр оғоз ёфта, то охири декабр, яъне ду чоряки соли таҳсилро фаро мегирад. Ҷараёни омӯхтани савод аз тайёрӣ бо Иди Алифбо ташкил меёбад. Таълими то алифбо ва даври алифбои саводомӯзӣ бо усули овозии таҳлилию таркибӣ (аналитикию синтетикӣ) амалӣ мешавад. Мувофиқи тарзи омӯзонидани таҳлилию таркибӣ аз матн ҷумла, аз ҷумла калима, аз калима ҳиҷо ва овоз, ёки баръакс овоз > ҳиҷо > калима > ҷумла> матн бо алоқаҳои узвӣ аз яклухт ба қисмҳо, аз қисмҳо ба яклухт нигоҳ карда таҳлил карда мешавад. Ин бошад барои дар асоси мезонҳои дидактикӣ фаъолияти фикрии бошууронаю мантиқдори донишомӯзонро инкишоф додан имконият ба вуҷуд меорад.

Аз рӯзҳои аввали саводомӯзӣ дар давраи таълими ибтидоӣ ба инкишофи нутқи донишомӯзон, яъне аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардонидани фонди луғавии вай эътибори алоҳида дода мешавад.

Забони модарӣ барои инкишоф додани малакаи озодона фикр намудан, фикри дигаронро дарк кардан, фикрҳои худро бо тарзи даҳонӣ ё хаттӣ баён карда тавонистан, бо одамон мулоқоти озодона доштани донишомӯзон хизмат мекунад.

Омӯзиши ҳусни хат. Вазифаи асосӣ аз омӯзонидани ҳусни хат такмилдиҳии бехато ва зебо навиштани ҳарф, калима, ҷумла ва матн аст. Дар ҷараёни ёд гирифтани навиштан донишомӯз шакли ҳарф, калима ва ҷумларо аз китоб ё тахтаи синф бехато ва ба қоидаҳои ҳусни хат риоя намуда кӯчонад, навиштаҳояшро санҷида, хатоҳо ва камбудиҳои графикии худро бо роҳбарии омӯзгор бояд худаш ислоҳ намояд. Дар ин давра фаъолияти шунида навиштан ҳам такмил меёбад.

Аз нимсолаи дуюми соли хониши синфи 1 сар карда, малакаи ҳусни хат такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 2-4 бошад дар ҳар дарси забони модарӣ 5-8 дақиқа барои ҳусни хат ҷудо карда мешавад.

Натиҷаҳои фаъолияти донишомӯз ва талаботи азхудкунӣ:

– Фаъолияти хешро дар рафти дарс намоён карда метавонад.

– Бо китоби дарси кор карда метавонад.

– Мавҳуми нутқи даҳонӣ ва хаттиро бо мисолҳо фарқ карда метавонад.

– Бо маълумотҳои дахлдор чӣ будани калима, ҳиҷоро медонад.

– Овозҳои садонок ва ҳамсадоро сарфаҳм меравад, инчунин ҳиҷо, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад.

– Мавҳуми ҷумларо медонад.

– Мазмуни мавзӯъҳои омӯхташаванда, қоидаҳои зарурӣ, машқ ва талабҳои онро бо тартиб иҷро менамояд ва фарқ карда метавонад.

– Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои мустақилмаъноро муайян карда метавонад ва аз рӯйи намуна аз ӯҳдаи калимаинтихобкунӣ мебарояд.

–Аз рӯйи расм ва мазмуни он матни ҳаҷман хурди мантиқдор тартиб дода метавонад.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ VII

*(Ҳафтае 2 соат. Ҷамъ: 68 соат)*

### Забони адабӣ ва шева (1 соат)

### Такрори мавзӯъҳои синфи VI (3 соат)

Калимаҳои умумихалқӣ, шевагӣ, касбу пеша, нав. Имлои калимаҳои содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Мақеи аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Роҳҳои сохта шудани ҳиссаҳои нутқ ва аломатҳои морфологии онҳо.

### Морфология ва имло
### Зарф (8 соат)

Маънои луғавӣ, аломатҳои сарфӣ ва вазифаҳои наҳвии зарф. Дараҷаи муқоисавии зарф. Хелҳои зарф аз ҷиҳати маъно: зарфи монандӣ, тарз, замон, сабаб, мақсад, миқдору дараҷа.

Хелҳои зарф аз ҷиҳати сохт: Зарфҳои содда ва сохта. Пасвандҳои зарфсоз. Пешвандҳои зарфсоз. Зарфҳи мураккаб. Усули сохта шудани зарфҳои мураккаб бо роҳи такрори исм, калимаҳои тақлидӣ, сифат, шумора, феъл, зарф ва ғ. Имлои зарфҳои мураккаб. Сохти зарфҳои мураккаб бо миёнвандҳои -о-, -у-.

Зарфҳои таркибӣ ва тарзи сохта шудани онҳо. Имлои зарфҳои таркибӣ. Тарзи таҳлили сарфии зарф. Такрори зарф.

### Пешоянд ва пасояндҳо (6 соат)

Маълумоти умумӣ. Сохти пешояндҳо: пешояндҳои аслии содда, пешояндҳои аслии таркибӣ, пешояндҳои номии изофии содда, пешояндҳои изофии таркибӣ, пешояндҳои номии ғайриизофӣ.
Корбурди пешояндҳо ва ифодаи муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ бо ёрии онҳо.

Пасоянди -ро ва вазифаҳои он. Пасояндҳои боз, дида, инҷониб ва ғ.

Таҳлили сарфии пешоянд ва пасояндҳо. Такрори пешояндҳо ва пасояндҳо.

### Пайвандак (7 соат)

Маълумоти умумӣ. Хелҳои пайвандакҳо аз ҷиҳати сохт: пайвандакҳои содда, мураккаб, таркибӣ. Имлои пайвакдаҳо. Хелҳои пайвандакҳо аз ҷиҳати маъно. Пайвандакҳои пайвасткунанда ва хелҳои онҳо: паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ. Пайвакдакҳои тобеъкуканда ва хелҳои онҳо: пайвандакҳои замон, макон, монандӣ, сабаб, мақсад, шарт, хилофӣ. Истифодаи пайвандакҳо дар ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Корбурди вергул пеш аз ҷумлаҳои содда дар ҷумлаҳои мураккаб.

Таҳлили сарфии пайвандак. Такрори пайвандакҳо.

### Ҳиссача (5 соат)

Маълумоти умумӣ. Хелҳои ҳиссача аз ҷиҳати сохт: Ҳиссачаҳои содда ва таркибӣ. Хелҳои ҳиссача аз бобати маъно: ҳиссачаҳои ишоратӣ, саволӣ, таькидӣ, маҳдудӣ, инкорӣ, тасдиқӣ, эҳсосӣ. Имлои ҳиссачаҳо.

Таҳлили сарфии ҳиссача. Такрори ҳиссача.

### Нидо (3 соат)

Маълумоти умумӣ. Сохти нидо. Хелҳои нидо: нидоҳои эҳсосотӣ (тааҷҷуб, ҳайрат, андӯҳ, таассуф, хурсандӣ, завқ, таҳсин), нидоҳои барангезанда (даъват, мурочиат, амр, миннатдорӣ, табрик, видоъ). Имлои нидо. Истифодаи аломатҳои китобат пас аз нидо. Таҳлили сарфии нидо.

### Калимаҳои тақлидӣ-овозӣ (1 соат)

Маълумоти умумӣ. Мавқеъ ва аҳамияти онҳо дар нутқ.
Синтаксис ва аломатҳои китобат

### Ибора ва ҷумла (6 соат)

Ибора. Фарқи ибора аз ҷумла. Гурӯҳбандии ибораҳо аз рӯи калимаҳои асосӣ: ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ, зарфӣ. Алоқаи калимаҳо дар ибора: алоқаи изофӣ, ҳамроҳӣ ва вобастагӣ. Сохти ибора: ибораҳои содда ва мураккаб.

Ҷумла. Сохт ва маънои грамматикии ҷумла. Аломатҳои асосии ҷумла. Хелҳои ҷумла аз ҷиҳати мақсади баён: хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ, амрӣ, хитобӣ. Тартиби калимаҳо дар ҷумла: тартиби маъмул, тартиби номаъмул. Задаи мантиқӣ. Ҷумлаи дутаркиба ва яктаркиба. Таҳлили наҳвии ибора ва ҷумла.

### Сараъзоҳои ҷумла (6 соат)

Мубтадо ва тарзи ифодаи он. Таркиби мубтадо. Хабар ва тарзи ифодаи он. Хелҳои хабар аз ҷиҳати маъно: хабарҳои феълӣ ва номӣ. Ифодаи хабарҳои номӣ бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ. Хелҳои хабар аз ҷиҳати сохт: хабарҳои содда ва таркибӣ. Мувофиқати хабар бо мубтадо. Корбурди тире дар байни хабар ва мубтадо.

Таҳлили наҳвии сараъзоҳои ҷумла.

### Аъзоҳои пайрави ҷумла (10 соат)

Муайянкунанда ва ифодаи он бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ. Баёния ва фарқи он аз муайянкунанда. Пуркунанда. Пуркунандаҳои бевосита ва бавосита. Тарзи ифодаи ин пуркунандаҳо. Ҳол ва хелҳои он: ҳоли тарз, макон, замон, сабаб, мақсад, миқдору дараҷа, монандӣ, хилоф.

Таҳлили наҳвии аъзоҳои пайрави ҷумла.

### Такмили нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (8 соат)

Хелҳои услуб. Маълумот дар бораи услуби расмии коргузорӣ. Тарзи навишти тасдиқнома, қарори маҷлис, эзоҳнома, пур намудани варақа ва андозаҳои шаҳодатнома, гувоҳнома ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки махсуси услуби

расмии коргузорӣ мебошанд. Пур кардани пурсишнома доир ба мавзӯъҳои гуногун.

Навиштани иншо аз рӯи ягон афсонаи халқӣ.

Нақли шифоҳии афсонаҳои халқӣ дар зери назорати муаллим.

Таҳрири иншо аз рӯи сурат ё лавҳа.

Иншои тасвирӣ: манзараи пахтазор ва инчунин пахта.

Иншои тасвирӣ, манзараи бозори сабзавоту мева ё манзараи дигаре, ки дилкаш ва завқовар аст.

Сӯҳбат доир ба интихоби касб.

Иншои тасвирӣ: Барф, бориши барф ва аҳамияти барф дар зиндагӣ. Иншо оид ба «Васфи модар». Иншо роҷеъ ба «Васфи дӯстӣ».

Сӯҳбат доир ба рӯзи ҷашнҳои бузург: Ҷашни истиқлолияти ҷумҳурият, иди Наврӯз.

## Такрори солона (4 соат)

Зарф ва хелҳои он. Пешоянду пасояндҳо. Пайвандакҳо. Ҳиссачаҳо ва нидо.

Талабҳои асосӣ оид ба дониш, малака ва маҳорати донишомӯзони синфи VII

Бояд донанд ва тавонанд::

аз орфоэпия: Дуруст талаффуз кардани зарфҳои серистеъмол ва пайвандакҳо. Риоя кардани оҳанги талаффуз дар истифодаи ҷумлаҳо бо ҳиссачаҳою нидоҳо.

аз калимасозӣ: Муайян кардани тарзи сохташавии ҳиссаҳои нутқ.

аз морфология: Таърифи ҳиссаҳои нутқ. Ба ҳиссаҳои мустаъқил ва номустаъқил ҷудо шудани ҳиссаҳои нутқ. Муайян кардани ҳиссаҳои нутқ дар ҷумла (бе таҳлили таркиби калима).

аз синтаксис: Муайян кардани вазифаи синтаксиси ҳиссаҳои мустаъқил ва номустаъқил. Тафовути ҷумлаҳои мураккабро бо пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда шарҳ додан. Дар навишти ҷумлаҳои мураккаб пайвандакҳои пайвасткунандаро чун воситаи алоқаи ҷумлаҳо дар матн кор фармудан.

аз имло: Шарҳи калима, ибора ва таркибҳои омӯхташуда аз ҷиҳати имло. Дар шарҳи калимаю таркибҳо аз луғати имло истифода бурдан. имлои ҳиссаҳои нутқ. Исботи дурустии имлои ин ё он калима, муайян кардани ғалатҳои имлоӣ.

аз пунктуатсия: Бамақеъ гузоштани аломатҳои китобат.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ VII
## (Ҳафтае 2 соат. Ҷамъ: 68 соат)

### Забони адабӣ ва шева (1 соат)

### Такрори мавзӯъҳои синфи VI (3 соат)

Калимаҳои умумихалқӣ, шевагӣ, касбу пеша, нав. Имлои калимаҳои содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Мақеи аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Роҳҳои сохта шудани ҳиссаҳои нутқ ва аломатҳои морфологии онҳо.

### Морфология ва имло
### Зарф (8 соат)

Маънои луғавӣ, аломатҳои сарфӣ ва вазифаҳои наҳвии зарф. Дараҷаи муқоисавии зарф. Хелҳои зарф аз ҷиҳати маъно: зарфи монандӣ, тарз, замон, сабаб, мақсад, миқдору дараҷа.
Хелҳои зарф аз ҷиҳати сохт: Зарфҳои содда ва сохта. Пасвандҳои зарфсоз. Пешвандҳои зарфсоз. Зарфҳи мураккаб. Усули сохта шудани зарфҳои мураккаб бо роҳи такрори исм, калимаҳои тақлидӣ, сифат, шумора, феъл, зарф ва ғ. Имлои зарфҳои мураккаб. Сохти зарфҳои мураккаб бо миёнвандҳои -о-, -у-.
Зарфҳои таркибӣ ва тарзи сохта шудани онҳо. Имлои зарфҳои таркибӣ. Тарзи таҳлили сарфии зарф. Такрори зарф.

### Пешоянд ва пасояндҳо (6 соат)

Маълумоти умумӣ. Сохти пешояндҳо: пешояндҳои аслии содда, пешояндҳои аслии таркибӣ, пешояндҳои номии изофии содда, пешояндҳои изофии таркибӣ, пешояндҳои номии ғайриизофӣ.
Корбурди пешояндҳо ва ифодаи муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ бо ёрии онҳо.
Пасоянди -ро ва вазифаҳои он. Пасояндҳои боз, дида, инҷониб ва ғ.
Таҳлили сарфии пешоянд ва пасояндҳо. Такрори пешояндҳо ва пасояндҳо.

### Пайвандак (7 соат)

Маълумоти умумӣ. Хелҳои пайвандакҳо аз ҷиҳати сохт: пайвандакҳои содда, мураккаб, таркибӣ. Имлои пайвакдаҳо. Хелҳои пайвандакҳо аз ҷиҳати маъно. Пайвандакҳои пайвасткунанда ва хелҳои онҳо: паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ. Пайвакдакҳои тобеъкуканда ва хелҳои онҳо: пайвандакҳои замон, макон, монандӣ, сабаб, мақсад, шарт, хилофӣ. Истифодаи пайвандакҳо дар ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Корбурди вергул пеш аз ҷумлаҳои содда дар ҷумлаҳои мураккаб.

Таҳлили сарфии пайвандак. Такрори пайвандакҳо.

**Ҳиссача (5 соат)**

Маълумоти умумӣ. Хелҳои ҳиссача аз ҷиҳати сохт: Ҳиссачаҳои содда ва таркибӣ. Хелҳои ҳиссача аз бобати маъно: ҳиссачаҳои ишоратӣ, саволӣ, таькидӣ, маҳдудӣ, инкорӣ, тасдиқӣ, эҳсосӣ. Имлои ҳиссачаҳо.

Таҳлили сарфии ҳиссача. Такрори ҳиссача.

**Нидо (3 соат)**

Маълумоти умумӣ. Сохти нидо. Хелҳои нидо: нидоҳои эҳсосотӣ (тааҷҷуб, ҳайрат, андӯҳ, таассуф, хурсандӣ, завқ, таҳсин), нидоҳои барангезанда (даъват, мурочиат, амр, миннатдорӣ, табрик, видоъ). Имлои нидо. Истифодаи аломатҳои китобат пас аз нидо. Таҳлили сарфии нидо.

**Калимаҳои тақлидӣ-овозӣ (1 соат)**

Маълумоти умумӣ. Мавқеъ ва аҳамияти онҳо дар нутқ.

Синтаксис ва аломатҳои китобат

**Ибора ва ҷумла (6 соат)**

Ибора. Фарқи ибора аз ҷумла. Гурӯҳбандии ибораҳо аз рӯи калимаҳои асосӣ: ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ, зарфӣ. Алоқаи калимаҳо дар ибора: алоқаи изофӣ, ҳамроҳӣ ва вобастагӣ. Сохти ибора: ибораҳои содда ва мураккаб.

Ҷумла. Сохт ва маънои грамматикии ҷумла. Аломатҳои асосии ҷумла. Хелҳои ҷумла аз ҷиҳати мақсади баён: хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ, амрӣ, хитобӣ. Тартиби калимаҳо дар ҷумла: тартиби маъмул, тартиби номаъмул. Задаи мантиқӣ. Ҷумлаи дутаркиба ва яктаркиба. Таҳлили наҳвии ибора ва ҷумла.

**Сараъзоҳои ҷумла (6 соат)**

Мубтадо ва тарзи ифодаи он. Таркиби мубтадо. Хабар ва тарзи ифодаи он. Хелҳои хабар аз ҷиҳати маъно: хабарҳои феълӣ ва номӣ. Ифодаи хабарҳои номӣ бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ. Хелҳои хабар аз ҷиҳати сохт: хабарҳои содда ва таркибӣ. Мувофиқати хабар бо мубтадо. Корбурди тире дар байни хабар ва мубтадо.

Таҳлили наҳвии сараъзоҳои ҷумла.

**Аъзоҳои пайрави ҷумла (10 соат)**

Муайянкунанда ва ифодаи он бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ. Баёния ва фарқи он аз муайянкунанда. Пуркунанда. Пуркунандаҳои бевосита ва бавосита. Тарзи ифодаи ин пуркунандаҳо. Ҳол ва хелҳои он: ҳоли тарз, макон, замон, сабаб, мақсад, миқдору дараҷа, монандӣ, хилоф.

Таҳлили наҳвии аъзоҳои пайрави ҷумла.

**Такмили нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (8 соат)**

Хелҳои услуб. Маълумот дар бораи услуби расмии коргузорӣ. Тарзи навишти тасдиқнома, қарори маҷлис, эзоҳнома, пур намудани варақа ва

андозаҳои шаҳодатнома, гувоҳнома ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки махсуси услуби расмии коргузорӣ мебошанд. Пур кардани пурсишнома доир ба мавзӯъҳои гуногун.
Навиштани иншо аз рӯи ягон афсонаи халқӣ.
Нақли шифоҳии афсонаҳои халқӣ дар зери назорати муаллим.
Таҳрири иншо аз рӯи сурат ё лавҳа.
Иншои тасвирӣ: манзараи пахтазор ва инчунин пахта.
Иншои тасвирӣ, манзараи бозори сабзавоту мева ё манзараи дигаре, ки дилкаш ва завқовар аст.
Сӯҳбат доир ба интихоби касб.
Иншои тасвирӣ: Барф, бориши барф ва аҳамияти барф дар зиндагӣ. Иншо оид ба «Васфи модар». Иншо роҷеъ ба «Васфи дӯстӣ».
Сӯҳбат доир ба рӯзи ҷашнҳои бузург: Ҷашни истиқлолияти ҷумҳурият, иди Наврӯз.

## Такрори солона (4 соат)

Зарф ва хелҳои он. Пешоянду пасояндҳо. Пайвандакҳо. Ҳиссачаҳо ва нидо.

Талабҳои асосӣ оид ба дониш, малака ва маҳорати донишомӯзони синфи VII

Бояд донанд ва тавонанд:
аз орфоэпия: Дуруст талаффуз кардани зарфҳои серистеъмол ва пайвандакҳо. Риоя кардани оҳанги талаффуз дар истифодаи ҷумлаҳо бо ҳиссачаҳою нидоҳо.
аз калимасозӣ: Муайян кардани тарзи сохташавии ҳиссаҳои нутқ.
аз морфология: Таърифи ҳиссаҳои нутқ. Ба ҳиссаҳои мустақил ва номустақил ҷудо шудани ҳиссаҳои нутқ. Муайян кардани ҳиссаҳои нутқ дар ҷумла (бе таҳлили таркиби калима).
аз синтаксис: Муайян кардани вазифаи синтаксиси ҳиссаҳои мустақил ва номустақил. Тафовути ҷумлаҳои мураккабро бо пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда шарҳ додан. Дар навишти ҷумлаҳои мураккаб пайвандакҳои пайвасткунандаро чун воситаи алоқаи ҷумлаҳо дар матн кор фармудан.
аз имло: Шарҳи калима, ибора ва таркибҳои омӯхташуда аз ҷиҳати имло. Дар шарҳи калимаю таркибҳо аз луғати имло истифода бурдан. имлои ҳиссаҳои нутқ. Исботи дурустии имлои ин ё он калима, муайян кардани ғалатҳои имлоӣ.
аз пунктуатсия: Бамақеъ гузоштани аломатҳои китобат.

## АДАБИЁТ СИНФИ VII
(Ҳафтае 2 соат. Ҷамъ: 68 соат)

**Муқаддима** (1 соат).

Адабиёти бадеӣ ва моҳияти он. Адабиёт ҳамчун воситаи тавоно дар тарбияи инсон. Дар шакли назм ва наср таҳаввул ва ташаккулёбии адабиёти бадеӣ. Аз каломи маънидори равон иборат будани осори насрӣ. Дорои вазну қофия ва санъатҳои бадеӣ будани назм. Шоир номида шудани эҷодкорони шеър ва нависанда ном доштани офарандагони асарҳои насрӣ. Ба воситаи образҳои бадеӣ ба шуур ва ҳиссиёти одамон таъсир расонидани шоиру нависандагон. Ҳаёт ва ҳодиса-воқеаҳои онро ба воситаи сухан акс намудани адабиёт ва аз ин рӯ санъати сухан ном гирифтани он. Дониш ва ҷаҳонфаҳмии инсонро васеъ намудани адабиёт ва барои амиқтар фаҳмидани моҳияти ҳар як ҳодиса кӯмак расонидани он. Мавқеи адабиёт дар тарбияи инсони комил дар шароити кунунии истиқлоли миллӣ.

### АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Эҷдиёти даҳонакии халқ ва хусусиятхои ба худ хоси он** (2 соат).

Омилҳои пайдошавии асарҳои адабиёти шифоҳӣ. Жанр ва навъҳои он. Жанрҳои маъмули эҷодиёти даҳонакии халқ тоҷик. Мавзӯъ ва мундариҷаи онҳо. Дар асарҳои адабиёти шифоҳӣ ифода ёфтани орзуву умедҳои халқ, ишқу муҳаббат, Ватан, қаҳрамонӣ, меҳнат ва ғайра. Мавқеи рубоӣ дар  эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик.

Китобҳои халқӣ ва насри ривоятӣ. Маълумот дар бораи китобҳои "Ҳазору як шаб", "Чор дарвеш", "Саёҳати ҳотам", "Самаки айёр"."Баёни саргузашти дарвеши аввал" аз "Чор дарвеш". Инъикоси хислатҳои неки инсонӣ: меҳрубонӣ нисбат ба падар ва модар, олиҳимматӣ, саховат, доноӣ, далерӣ, корсозӣ ва меҳнатдӯстӣ дар асар. Мазаммати фиребгарӣ ва номардӣ. Аҳамияти тарбиявии асар.

***Назарияи адабиёт:*** насри ривоятӣ ва хусусиятҳои он (1 соат).

**Адабиёти қадим** (4 соат).

Таърихи дуру дароз ва адабиёти бойро соҳиб будани халқи тоҷик. Ба дараҷаи шуурнокӣ ва ҷаҳонбинии одамони қадим вобаста будани адабиёти ин давра. Дар шаклҳои шифоҳӣ ибтидо гирифтани адабиёти қадима.

Маълумот дар бораи устура. Маънии ҳикоят, ривоят, афсонаро соҳиб будани он дар шакли ҷамъ "асотир" номида шудани вай.

Асотири Каюмарс (Говмард) ва Йима (Ҷамшед). Дар асотир ифодаёбии тасаввуроти ҳайратангези мардуми қадим дар хусуси пайдоиши оламу одам ва ашёву ҳодиса-воқеаҳои табиат.

Маълумот дар бораи сурудҳои қадима. Суруди Митра (Меҳр). Суруди ҳаома, суруди Анаҳита ва ғайра. Қироат ва маънидоди порчае аз "Суруди Меҳр".

Адабиёти хаттии давраи қадим ва намунаҳои он. Дар забонҳои авестоӣ, суғдӣ, портӣ, паҳлавӣ ва ғайра иншо шудани адабиёти хаттии қадим. "Авасто"— китоби муқаддаси дини зардуштӣ ва кӯҳнатарин намунаи осори таърихӣ, фарҳангӣ ва адабӣ. Таълимоти дини зардуштро фаро гирифтани "Авасто". Маълумот дар бораи Зардушт. Мубоизаи ду қувваи ба ҳам муқобил — некӣ ва бадӣ, равшанӣ ва торикӣ, рост ва дурӯғ ҳамчун асоси таълимоти Зардушт. Аҳура маздо (ҳурмуз) — худои олӣ ҳомии тамоми қувваҳои некӣ дар олам. Аз ҷавҳари палид созмон ёфта, офаридгори ҳамаи бадиҳо будани Аҳриман.

Давраи пайдоиш ва Ватани "Авасто". Дар "Авасто" даъват шудани мардум ба ҳаёти муқимӣ. Зарурияти ривоҷ додани деҳқонӣ ва чорводорӣ, махсусан ғаллакорӣ. Арзиши тарбиявӣ-ахлоқии асар. Шиори "гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек" ва моҳияти он. Мазаммати дурӯғ дар асар. Аҳамияти адабии "Авасто". Готҳо — сурудҳои "Авасто" ва дар онҳо инъикос ёфтани хислатҳои неки инсонӣ.

Ҷашни 2700 солагии "Авасто" ва ба ҳамин муносибат ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудани он.

Қироати порчаҳо аз асар. "Авасто" ва замони мо. Аҳамияти "Авасто" дар ташаккули маънавияти инсони имрӯза.

Адабиёти паҳлавии ашконӣ ва сосонӣ. Маълумот дар бораи достони "Ёдгори Зарирон" ва манзумаи "Дарахти ассурик". Андарзномаи адабиёти паҳлавӣ.

Андарзҳои Бузургмеҳр ва Хусрави Анушервон.

Тарҷумаи "Калила ва Димна" ба паҳлавӣ. Аҳамияти адабиёти паҳлавӣ дар ташаккули адабиёти мумтози тоҷик.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи асарҳои панду ахлоқӣ ва тамсилӣ (1 соат).

**Абӯабдуллои Рӯдакӣ** (4 соат).

Тарҷумаи ҳоли Рӯдакӣ. Баҳсҳо дар атрофи зодгоҳи шоир ва аз рӯи маълумоти манбаъҳо дар атрофи Самарқанд воқеъ будани деҳаи Рӯдак.

Оғози фаъолияти шоирии Рӯдакӣ дар Самарқанд ва ба дарбори Сомониён кашида шудани ӯ. Нашъунамои эҷодиёти шоир дар дарбор ва унвони Маликушшуаро гирифтани ӯ. Сабабҳои аз дарбор ронда шудани Рӯдакӣ ва солҳои охири умри шоир.

Рӯдакӣ шоири сермаҳсули таърихи адабиёти тоҷик. Мавзӯъ ва жанрҳои асосии ашъори боқимондаи шоир. Рӯдакӣ — шоири

қасидасаро. Қасидаҳои Рӯдакӣ ва навъҳои он. Таърих ва сабаби эҷод шудани қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён».

Қироат ва маънидоди қасида. Маълумот дар бораи қасидаи ҳолияи "Шикоят аз пирӣ".

Маснавиҳои Рӯдакӣ. Порчаҳои боқимондаи "Калила ва Димна".

Арзи тарбиявии он. Ақидаҳои панду ахлоқӣ дар осори Рӯдакӣ.

Аҳамияти эҷодиёти Рӯдакӣ дар замони мо.

***Хониши мустақилона:*** Расул Ҳодизода, "Бӯи ҷӯи Мӯлиён".

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи санъатҳои бадеӣ — ташбеҳ, ташхис, истиора ва муболиға (1 соат).

**Абулқосим Фирдавсӣ** (5 соат).

Ҷараёни зиндагии шоир. Таърихи таълиф ва тақдири "Шоҳнома". Сабабҳои "Шоҳнома"-ро напазируфтани Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ривоятҳо дар ин хусус. Манбаъҳои "Шоҳнома". "Шоҳнома" ҳамчун достонҳои асотирӣ, қаҳрамонӣ ва таърихӣ. Достони "Рустам ва Сӯҳроб". Мазмуни мухтасари достон. Дар достон ифодаёбии муборизаи некӣ ва бадӣ. Инъикоси макру ҳилагарии қувваҳои бадӣ дар достон. Ифодаёбии андешаҳои ватандӯстӣ, муҳаббати падару фарзанд ва масъалаҳои ҷангу сулҳ дар асар. Дар шахсияти Рустам ифодаёбии паҳлавонӣ, далерӣ ва хислатҳои олии одамӣ. Сӯҳроб — паҳлавони бебок вале бетаҷриба. Фирефтаи дасисаҳои қувваҳои бадӣ гардидани ӯ. Бо хислат ва хусусиятҳои ноҷӯяи Қобусшоҳ ва Афросиёб вобаста будани сабаби кушташавии писар аз ҷониби падар. Қироат ва маънидоди порчае аз боби "Кушта шудани Сӯҳроб аз дасти Рустам". Образи Гурдофарид дар достон ва муносибати Фирдавсӣ нисбати зан. Ватанпарварӣ ва ҳимояи Ватан аз бегонагон ҳамчун ғояи асосии "Шоҳнома". Дар симои қаҳрамони марказии "Шоҳнома" — Рустам ифодашавии ин ғоя. Таҷассуми ақлу идрок, шуҷоату қаҳрамонӣ, тавоноию бузургии инсон будани Рустам. "Шоҳнома" ҳамчун асари тарбиявӣ-ахлоқӣ. Мақоми бузурги хирад дар асар. Шӯҳрати ҷаҳонии "Шоҳнома" ва арзиши баланди маънавии он дар замони мо.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи жанри ҳамоса ва ҳамосаи миллӣ-қаҳрамонӣ (1 соат).

***Хониши мустақилона:*** "Достони разми Гурдофарид бо Сӯҳроб".

**Абӯалӣ ибни Сино** (3 соат).

Зиндагиномаи Ибни Сино. Шӯҳрати ҷаҳонии Сино.

Ибни Сино — олими қомусӣ. Сино — шоир. Мавзӯъҳои асосӣ, мундариҷаи ғоявии осори назмии Ибни Сино. Хусусиятҳои ҳасбиҳолии ашъори Сино. Қироат ва таҳлили намунаҳо аз асори Сино.

***Хониши мустақилона:*** ҳикоятҳои халқӣ дар бораи Ибни Сино.

**Носири Хусрави Қубодиёнӣ** (3 соат)

Сарнавишти Носири Хусрав. Табаддулоти фикрӣ ва сайру сафарҳои тӯлонии ӯ. Бозгашт ба Хуросон ва таблиғу ташвиқи ақидаҳои мазҳаби исмоилӣ. Солҳои охири умр. Фаъолияти адабии Носири Хусрав. Девони ашъор. Маснавиҳои "Рӯшноинома" ва "Саодатнома" ва асари насрии "Сафарнома"-ро фаро гирифтани мероси адабии Носири Хусрав. Танқиди иллатҳои ҷамъиятӣ, зулму золимӣ, шоирони маддоҳ, рӯҳониёни мутаассиб ва ҳимояи манфиатҳои аҳли меҳнат, ташвиқи ҳикмату маърифати илм ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар осори шоир. Қироат ва маънидоди шеърҳои "Дар некӣ", "Дар камозорӣ", "Дар ҳаққи санъатварон" ва "Дар ҳаққи кашоварзон".

Аҳамияти тарбиявӣ – ахлоқӣ  ва маърифатдиҳии ашъори Носири Хусрав."

Сафарнома"-и Носири Хусрав ва аҳамияти он дар таърихӣ адабиёти тоҷик.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи жанри сафарнома (1 соат).

Хониши мустақилона: порчаҳо аз "Сафарнома".

**Умари Хайём** (3 соат).

Ҷараёни зиндагии Умари Хайём. Мусофирати Хайём ба Самарқанд ва оғози шӯҳрати илмии ӯ.

Хайём олими файласуф ва шоири рубоисаро. Хусусияти фалсафӣ пайдо кардани жанри рубоӣ дар эҷодиёти Хайём. Инъикоси мақоми бузургӣ инсон дар рубоиёти шоир. Ғояҳои ҳаётдӯстӣ ва риндию майпарастӣ дар рубоиётӣ ӯ. Масъалаи зиндагию марг, ғанимат шумурдани вақт, нопойдории оламу одамро фаро гирифтани рубоиёти шоир.

Маҳсули тафаккури эҷодӣ-бадеии олими файласуф будани рубоиёти Хайём.

Қироат ва маънидоди намунаҳо аз рубоиёти Хайём ва ҳифз кардани онҳо.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи вазни рубоӣ ва фарқи он аз дубайтӣ (1 соат).

***Хониши мустақилона:*** ҳикояти Низомии Арӯзии Самарқандӣ доир ба Хайём аз "Чаҳор мақола".

**Унсурулмаолии Кайковус** (3 соат).

Маълумот дар бораи Унсурулмаолии Кайковус ва таълифи китоби ӯ "Қобуснома". Ҳамчун асари барҷастаи панду ахлоқӣ будани "Қобуснома".

Масъалаҳои рангоранги зисту зиндагонӣ, таҳсилу таълим, худшиносӣ, омӯзиши касбу ҳунар, санъату варзиш, ҳурмати падару модар ва ғайраро фаро гирифтани асар.

Қират ва шарҳу маънидоди порчаҳо аз бобҳои "Андар шинохтани қадри падару модар", "Андар пеша ҷустан дар сухандонӣ".

***Хониши мустақилона:*** бобҳои "Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар", "Андар дӯст гузидан ва расми он" аз "Қобуснома".

**Низомии Ганҷавӣ** (4 соат).

Зиндагиномаи Низомии Ганҷавӣ. Фаъолияти адабии Низомӣ.

Низомӣ — шоири навовар ва эҷодкори "Хамса" — асосгузори анъанаи хамсанависӣ дар адабиёти Шарқ. Маснавӣ ва достонҳои таркибии "Хамса". Мавзӯъ ва мундариҷаи онҳо. "Махзан-ул-асрор" ҳамчун маснавии панду ахлоқӣ. Масъалаи ҳимояи адолати иҷтимоӣ ва тарғиби ахлоқи поки инсонӣ дар достон. Таҳлили "Нӯшервон бо вазири худ", "Сулаймон бо деҳқон", "Достони подшоҳи золим ва марди ростгӯй", "Достони пири хиштзан".

Мавқеи Низомии Ганҷавӣ дар адабиёти форсу тоҷик. Таъсири "Хамса"-и ӯ ба достонсароии минбаъда ва ба вуҷуд омадани анъанаи хамсанависӣ дар адабиёти мумтози форсу тоҷик ва дигар халқҳои Шарқ. Низомии Ганҷавӣ ва замони мо.

***Хониши мустақилона:*** "Достони Султон Санҷар бо пиразани мазлум".

**Хусрави Деҳлавӣ** (3 соат).

Мухтасари тарҷумаи ҳол. Мероси адабии Хусрав. Лирикаи Амир Хусрав ва ҷамъоварӣ шудани панҷ девони ашъори ӯ. Фасоҳат ва балоғати ғазалиёти шоир.

Қироат ва маънидоди намунаҳо аз ғазалҳои Амир Хусрав. Амир Хусрав — нахустин пайрави Низомӣ дар хамсасароӣ. Маълумоти мухтасар дар бораи достонҳои "Хамса"-и Амир Хусрав.

"Дувалронӣ ва Хизрхон" — достонҳои ишқӣ. Тасвири дӯстии ҳиндувону мусулмонон дар достон.

Саҳми Амир Хусрав дар ривоҷи адабиёти баъдинаи форс-тоҷик.

Назира, тазмин ва татаббӯъ ба асарҳои Хусрав.

***Назарияи адабиёт:*** назира, тазмин ва татаббӯъ (1 соат).

***Хониши мустақилона:*** "Дувалронӣ ва Хизрхон".

**Саъдии Шерозӣ** (5 соат).

Тарҷумаи ҳоли Саъдӣ ва мероси адабии ӯ. Сайру саёҳатҳои тӯлонии Саъдӣ ва таъсири он ба ташаккули ҷаҳонбинии вай. Саъдӣ — устоди ғазал. Мазмуну мундариҷа ва самимияту равонии ғазалиёти Саъдӣ. Хизмати Саъдӣ дар инкишофу такомули ғазал ва "паямбари ғазал" унвон гирифтани ӯ.

Қироат ва маънидоди ғазали "Эй сорбон".

"Гулистон" — асари ахлоқии ҷаҳоншумули Саъдӣ. Сохт ва мавзӯъҳои асосии "Гулистон". Умумият ва монандии мавзӯъҳои

“Гулистон” ва “Бўстон”. Баррасии мавзўи адлу доди подшоҳон дар асар. Ривоҷи ақидаҳои инсонпарваронаи Саъдӣ дар “Гулистон”. Таҳлили ҳикоятҳои “Дарвеш ва ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф”, “Ду бародар”, “Дар ахлоқи дарвешон”. Дар ҳикоятҳои “Гулистон” ифодаёбии сифатҳои олии ахлоқи инсон дар образи дарвеш. Таҳлили ҳикоятҳои “Дарвешро зарурате пеш омад”, “Якеро дўсте буд”, “Подшоҳ ва тоифаи дарвешон”.

Масоили дигар панду ахлоқӣ дар “Гулистон”. “Гулистон” — намунаи олии насри бадеӣ. Мақоми санъати саҷъ дар асар.

Аҳамияти афкор ва осори Саъдӣ дар ташаккули маънавият ва маърифати инсонӣ.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи ғазал (1 соат).

***Хониши мустақилона:*** ҳикоятҳо аз “Бўстон” ва “Гулистон”.

**Ҷалолиддин Румӣ** (4 соат).

Мухтасари шарҳи ҳол. Нақши орифи мумтоз Шамси Табрезӣ дар зиндагӣ ва осори Румӣ. Ғазалҳои худро бо мақсади зинда гардонидани номи дўсти қаринаш бо тахаллуси Шамси Табрезӣ эҷод кардани Мавлонои Румӣ.

Маълумот дар бораи “Девони кабир” ва ғазалиёти орифонаи шўрангезро фаро гирифтани он.

“Маснавии маънавӣ”-и Мавлавӣ — асари бузурги фалсафӣ – ахлоқии тасаввуфӣ. Ҳикоятҳои халқӣ дар “Маснавии маънавӣ”. Тамсил дар “Маснавӣ”.

Қироат, маънидод ва шарҳи луғати ҳикоятҳо аз “Маснавӣ”.

***Хониши мустақилона:*** ҳикоятҳо аз “Маснавӣ” интихобан, ба салоҳдиди омўзгорон.

**Убайди Зоконӣ** (3 соат).

Ҳаёт ва фаъолияти адабии Убайди Зоконӣ. Убайд шоир ва нависандаи тавоно. Маълумот дар бораи осори назмии Убайди Зоконӣ.

Осори насрии Убайди Зоконӣ. “Ахлоқ-ул-ашроф” ва аҳамияти ахлоқӣ-тарбиявии он.

Ҳаҷвиёти Убайд. Моҳияти иҷтимоӣ доштани ҳаҷвиёти ў. “Рисолаи дилкушо” ва сохти он. Соддагӣ, равонӣ, лаззатбахшии ҳикояҳои рисола ва дар онҳо мавриди ҳаҷву тамасхур қарор гирифтани кору кирдор, аъмолу атвори аҳли табақаҳои гуногуни ҷамъият. Мазаммати дуздӣ, порахўрӣ, фисқу фасод, зулму золимӣ дар ин ҳикояҳо. Тасвири ҳаёти қашшоқонаи мардум дар танқиди пешвоёни шариат дар ҳикояҳо.

Қироат ва маънидоди ҳикояҳои “Ҳеҷ мурғе аз лаклак зирактар нест”, “Саҳв дар кўза бошад”, “Ҷанозаеро мебурданд” ва ғайра. Ҳамоҳангии ҳикоятҳои Убайд бо латифаҳои халқӣ.

Манзумаи “Мушу Гурба”. Мазмун ва ғояи асар. Хислатҳои Гурба ва Муш. Мазаммати хислати фиребгарию зўроварии Гурба.

Тарсончакӣ, хушомадгӯӣ, мағрурии Муш. Робитаи достон бо воқеаҳои замони нависанда.

*Хониши мустақилона:* ҳикоятҳо аз "Рисолаи дилкушо".

**Камоли Хуҷандӣ** (3 соат).

Зиндагиномаи шоир. Мероси адабӣ.

Тасвири ишқу муҳаббат ва зебогиҳои инсон дар ашъори лирикии Камол. Мавзӯъҳои шикояти иҷтимоӣ ва ёди Ватан дар шеърҳои шоир.

Услуби нигоришоти Камол.

Қироати ифоданок, шарҳи луғат, маънидод ва таҳҳлили ғазалҳои "Дил муқими кӯи ҷонон...", "Омад даруни дил ғамат...", "Ёраб ин дарди дилу...".

Аҳамияти эҷодиёти Камол.

*Назарияи адабиёт:* санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ (1 соат).

*Хониши мустақилона:* ғазалҳҳои Камол интихобан бо салоҳдиди омӯзгор.

**Ҳофизи Шерозӣ** (4 соат).

Шарҳи ҳол ва мероси адабии Ҳофиз.

Ҳофиз — бузургтарин шоири ғазалсаро. Васеъ будани доираи мавзӯоти ғазалиёти Ҳофиз.

Шикоят аз замона, танқиди зоҳидон, ақидаҳои риндиву озоданешӣ, дӯстиву рафоқат, некиву накӯкорӣ дар ғазалиёти Ҳофиз.

Устухонбандии ғазалҳои Ҳофиз ва мустақимияти байтҳои он. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёт.

Қироат, маънидод, шарҳи калимаҳои душворфаҳми ғазалҳои "Сина моломоли дард аст...", "Ин чӣ шӯрест, ки дар даври Қамар мебинам", "Биё то гул барафшонему..." ва ғайра. Шаклҳои дигари шеърӣ дар эҷодиёти Ҳофиз.

Шӯҳрати ҷаҳонии Ҳофиз.

*Хониши мустақилона:* Аълохон Афсаҳзод "Ҳофизнома".

**АДАБИЁТИ ЎЗБЕК**

**Эҷодиёти даҳонакии халқ ва ёдгориҳои хаттии туркӣ** (2 соат).

Доираи мавзӯъ ва жанрҳои адабиёти даҳонакии халқи ӯзбек. Робита ва муштаракии эҷодиёти даҳонакии халқҳои тоҷик ва ӯзбек. Асотир ва афсонаҳо. Зарбулмасал ва мақолҳо. Латифаҳо. Сурудҳои мавсимӣ. Ҳамоҳангии достонҳои силсилаи «Гӯрӯғлӣ» дар байни тоҷикон ва ӯзбекҳо.

Юсуф Хос Ҳоҷиб ва асари ӯ "Қутадғу билиг" ("Илми бахтоваранда"). Маълумот дар бораи муаллиф. Моҳияти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии асар. Ба "Шоҳнома", "Қобуснома", "Сиёсатнома" шабоҳат доштани асар.

## АДАБИЁТИ ҶАҲОН

**Муҳаммад Иқбол** (2 соат).

Маълумот дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Муҳаммад Иқбол — шоири бузурги ҳинду Покистон.

Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори шоир. Таҳлили шеърҳои "Панди боз бо бачаи хеш", "Шоҳин ва Моҳӣ".

Тараннуми Ватан, озодӣ, дӯстию бародарӣ, ҳушёрию зиракӣ дар ин шеърҳо.

Таҳлили шеъри "Аз хоби гарон хез". Мазмуни ғоявии шеър. Нисбати истилогарони аҷнабӣ равона шудани қувваи хитобии шеър. Мардуми ҷафодидан миллаташро ба озодию истиқлол даъват кардани шоир. Аҳамияти ашъори Иқбол дар замони мо.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи лирика. (1 соат)

***Ҷамъи соатҳо:***

Барои омӯзиши асарҳо — 54 соат.

Барои корҳои хаттӣ — 10 соат.

Барои такрор — 4 соат.

**Матнҳо барои аз ёд кардан:**

Суруди "Ҳаома яшт" аз "Авасто".

Абӯшакури Балхӣ. Порчаҳо аз "Офариннома".

Абӯабдулло Рӯдакӣ. "То ҷаҳон буд...", "Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме", "Шикоят аз пирӣ".

Абулқосим Фирдавсӣ. "Гуфтор андар хирад" аз "Шоҳнома". Порчаҳо аз достонҳои ҷудогонаи "Шоҳнома" бо салоҳдиди омӯзгор.

Абӯалӣ ибни Сино. Рубоиҳо.

Умари Хайём. Рубоиёт аз рӯи интихоби омӯзгор.

Носири Хусрав. "Дар ҳаққи кашоварзон".

Низомии Ганҷавӣ. "Муколамаи Хусрав бо Фарҳод".

Саъдии Шерозӣ. "Гили хушбӯй", "Эй сорбон".

Камоли Хуҷандӣ. "Дил муқими кӯи ҷонон...", "Омад даруни дил ғамат".

Ҳофизи Шерозӣ. "Дарахти дӯстӣ биншон", "Ин чӣ шӯрест, ки дар даври Қамар мебинам".

Муҳаммад Иқбол. "Аз хоби гарон хез".

**Асарҳо барои хониши берун аз синф:**

Баёзи рубоиёт ва дубайтиҳо.

"Чор дарвеш".

"Авасто".

Абулқосим Фирдавсӣ. Достонҳо аз "Шоҳнома".

Ҳикоят ва ривоятҳои халқӣ дар бораи Ибни Сино.

Расул Ҳодизода. "Бӯи ҷӯи Мӯлиён".

Носири Хисрав. "Сафарнома".

Низомии  Арӯзии Самарқандӣ. "Чаҳор мақола".

Унсурулмаолии Кайковус. “Қобуснома”.

Низомии Ганҷавӣ. “Достони Султон Санҷар бо пиразани мазлум” аз “Хамса”.

Амир Хусрави Деҳлавӣ. “Дувалронӣ ва Хизрхон”.

Саъдии Шерозӣ. “Бӯстон”, “Гулистон”.

Ҷалолиддин Румӣ. Ҳикоятҳо аз “Маснавӣ” бо салоҳдиди омӯзгор.

Убайди Зоконӣ. “Рисолаи дилкушо”.

Аълохон Афсаҳзод. “Ҳофизнома”.

**Талаботи асосӣ ба донишу маҳорати хонандагони синфи VII**

***Донишомӯзон бояд донанд:***

- матни асари бадеӣ, хусусиятҳои бадеии асари мустақил хондашуда, мақсади нависанда, сужет ва муносибати байниҳамдигарии образҳои асар;
- моҳияти асосии унсурҳои назарияи адабиёт: достон, ҳикоя, новеллаҳои хурди адабиёти мумтоз, насри мусаҷҷаъ, лирика ва ғайра;
- ҳангоми таҳлили асарҳои бадеӣ аз маълумотҳои назарӣ истифода бурда тавонистан;
- фарқ карда тавонистани жанрҳои асари бадеӣ;
- муносибати муаллиф нисбати образҳои дар асар офаридашуда.
-

***Донишомӯзон бояд тавонанд:***

- тезу бурро хондани матн пайваста бо сарфаҳм рафтани жанри он бо талаффузи ифоданок;
- шакли матни бадеиро дигар карда, онро ба тариқи хаттӣ ва ё даҳонӣ ҳикоя кардан;
- навиштани иншо дар асоси мулоҳизаҳои худ оиди асарҳои хондашуда;
- тартиб додани нақшаи содда ва мураккаб оиди асари хондашуда ва тавсифи қаҳрамонҳои он;
- дар асоси ҳамин нақшаҳо даҳонӣ баён карда тавонистани фикр ва навиштани тақриз ё иншо;
- истифода бурда тавонистан аз “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, “Луғати имлои забони тоҷикӣ”, “Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ” ва дигар луғату дастурҳо.

***Корҳои даҳонӣ ва хаттӣ аз адабиёт барои синфи VII***

***Даҳонӣ:***

- қироати тезу ифоданоки матни асари бадеӣ;
- таҳлили мухтасари асари мутолиашуда;
- тартиб додани саволҳо аз рӯи матни омӯхташуда;

- тавсифи образҳои асари мутолиашуда;
- мусоҳиба дар асоси маълумоти китоби дарсӣ ва гуфтаҳои омӯзгор оиди адибон;
- баҳо додан ба асарҳои мустақил хондашуда, филмҳо ва асарҳои дар саҳна тамошо кардашуда.

***Корҳои хаттӣ:***

- навиштани иншо аз рӯи асари мукаммал ва ё порчаи хондашуда;
- навиштани ҷавоби мукаммал ба саволҳои аз ҷониби муаллим додашуда;
- тавсифи образҳои асар;
- навиштани тақриз, иншо оиди асарҳои мустақил хондашуда, филму спектаклҳо.